Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «**Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» ва тамоми сохтори он ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат намуда, таҳқиқоти илман анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити муосир масъалаҳо вобаста ба моликияти коммуналӣ бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир ёфта, зарурат ба омӯзишу таҳқиқоти ҳамаҷонибаро дорад. Мавзӯи мазкур асоси конститутсионӣ ва қонунӣ дошта дар моддаҳои 1, 7, 12, 13 ва 77 Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ эътироф шудааст ва амалияи татбиқи он тадқиқоти махсуси илмиро тақозо менамояд. Дар ин росто, таҳқиқоти илмии

масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар ҳуқуқи мадании Тоҷикистон падидаи нав буда, натиҷаҳои асосии илмӣ ба рушди минбаъдаи ҳуқуқи маданӣ ва такмили такмили қонунгузорӣ мусоидат мекунад.

Рушди иқтисоди бозоргонӣ ба он равона карда шудааст, ки дар шароити муосир рушди бахши давлатро бидуни шарикии бахши хусусӣ тассавур кардан ғайриимкон аст. Дар ин замина, рушди моликияти коммуналӣ барои созандагии маҳал мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ диққати васеи олимон, аз ҷумла иқтисодчиён ва ҳуқуқшиносонро ҷалб намуда, дар маркази омӯзиш қарор дорад.

Айни ҳол яке аз масъалаҳои муҳими ҳалталаби соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти маҷмуии масъалаҳои танзими ҳуқуқии моликияти коммуналӣ ва муносибатҳои дигари молумулкӣ ҳамзамон дар заминаи сарчашмаҳои мавҷуда ва дар асоси қонунгузории амалкунанда муайян намудани мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати воҳид аст, ҳамзамон таркибан аз ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст. Дуруст тақсим намудани моликияти давлатӣ заминаи таъмини воҳид будан мебошад. Бинобар аз аҳаммиятнокӣ ва арзишнокӣ дар сатҳи умумидавлатӣ онро ба моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ ҷудо менамоянд.

Ташаккулёбии моликияти коммуналӣ ва идораи хоҷагии коммуналӣ дар сатҳи маҳаллӣ барои пайдо шудани тасаввурот дар хусуси пайдоиш ва инкишофи ҷузъҳои таркибии гурӯҳи иқтисодии айни ҳол амалкунандаи «ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» кумак мерасонад.

Асосноккунии илмиву назариявии ҳама самтҳои такмилдиҳии таъмини ҳуқуқии фаъолияти ниҳоди ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар

асоси таҳлили заминаи меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ ва дар заминаи тадқиқоти анҷомдодашуда айни ҳол хеле муҳим мебошад.

Барои анҷом додани ин кор, пеш аз ҳама, аниқ кардани мафҳуми таъминоти маъмуриву ҳуқуқии моликияти коммуналӣ муҳим мебошад, ки низоми восита ва усулҳои маъмурию ҳуқуқии ба таъсис ва такмилдиҳии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ба моликияти коммуналӣ вобаста равонагардидаро инъикос менамояд.

Моликиятро шумораи зиёди санадҳои гуногуни меъёрӣ танзим мекунанд, ки нақши марказиро дар байни онҳо шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои дохилидавлатӣ мебозанд ва айни замон масъалаи таъминоти маъмуриву ҳуқуқии фаъолияти ниҳоди моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистон дар илми ҳуқуқшиносии муосир нисбатан рӯзмарра мебошад.

Ҳамин тавр, ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияро собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда хотима намеёбад. Тадқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, пешниҳодҳои илман асосноки муаллиф ҷиҳати масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ манзур гардидааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо мутобиқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидааст.

Натиҷаҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ҷанбаи илмию назариявӣ ва амалӣ дошта, барои такмили қонунгузорӣ дар ин самт, аз ҷумла **ҳуқуқи моликияти коммуналӣ** мусоидат менамоянд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии диссертатсия ба тадқиқоти назариявию объективӣ такя намуда,

натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ буда, муаллиф бо назардошти адабиёти зиёди илмии ватанӣ ва хориҷӣ ин масъаларо таҳил намудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналиро мукаммал гардонида, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд.

Нуқтаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонад дар таҳияи қонунгузории амалкунанда, барномаҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ истифода шаванд.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, сазовори таваҷҷуҳ буда, мусбат арзёбӣ мегарданд:

1. Муаллиф чунин нуқтаро пешниҳод намудааст, ки таърихи пайдоиш ва рушди моликияти коммуналӣ се давраро фарогир мебошад. Давраи якум (солҳои 1922–1994), давраи дуюм (солҳои 1994 – 1999) ва давраи сеюм аз соли 2000 то ба имрӯз.

Дар давраи дуюм (солҳои 1994 – 1999) ду хел тартиби ташаккулёбии моликияти коммуналӣ ба вуҷуд омад:

а) дар заминаи моликияти тақсимшудаи давлатӣ;

б) дар натиҷаи ислоҳоти низоми мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2. Инчунин, муаллиф мафҳуми «моликияти коммуналиро» коркар намуда онро дар чунин мазмун баён кардааст: «Моликияти коммуналӣ – ин ашёҳои молӣ, аз он ҷумла маблағҳои пулӣ мебошанд, ки соҳибӣ,

истифода ва ихтиёрдории онҳо аз ҷониби мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешаванд».

3. Муаллиф чунин иброз менамояд, ки ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: ба маънои объективӣ ва субъективӣ. Вай аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, объектҳои танзимӣ ва муҳимтар аз он дорои субъектони хосса мебошад. Аз ин рӯй ҳуқуқи моликияти коммуналиро ба ду маъно фаҳмидан мумкин аст. Ба маънои объективӣ, вақте ки муқарраротҳои он вуҷуд доранд ва ба ҳама субъектони ҳуқуқ ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ равона шудаанд. Дар ҳамин маъно, ҳуқуқи моликияти коммуналӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ иборат буда, муносибатҳои ашёӣ ва дигари молумулкии ба фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ марбут бударо танзим менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, яъне мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналӣ мебошанд. Бинобар ин, дар маънои субъективиаш ҳуқуқи моликияти коммуналӣ чунин чораҳои имконпазири рафторро меноманд, ки ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ашёҳои коммуналӣ равона гардидаанд.

4. Аз таҳқиқоти муаллиф маълум мегарад, ки ҳуқуқи моликияти коммуналӣ хусусиятҳои зерин дорад: вай маҳсули татбиқи назарияи «моликияти тақсимшуда» (dominium divisum) буда, бо тағйироти институтсионалӣ, тақсимоти дақиқи вазифаҳо ва ҳамоҳангсозии сифатноки фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мебошад. Чунин ҳуқуқи мадание мебошад, ки субъектони он тибқи таксимоти маъмурию ҳудудии ҶТ муайян карда мешаванд, вале Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот субъекти ҳуқуқи моликияти коммуналӣ буда наметавонанд. Соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулке, ки ба моликияти коммуналӣ мансуб мебошад,

тибқи таъиноти мақсадноки он ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад. Дар таҳқиқоти худ муаллиф хусусияти моликияти коммуналиро дар он мебинад, вай маҳсули татбиқи назарияи «моликияти тақсимшуда» (dominium divisum) буда, бо тағйироти институтсионалӣ, тақсимоти дақиқи вазифаҳо ва ҳамоҳангсозии сифатноки фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ алоқаманд мебошад.

5. Муаллиф субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналиро баррасӣ намуда иброз менамояд, ки воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ – ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо субъектони махсуси ҳуқуқи маданӣ буда, қобилияти ҳуқуқдории онҳо маҳдуд мебошад, бинобар ин онҳо наметавонанд ба ҳама гуна фаъолият машғул шаванд, ба ғайр аз иҷрои вазифаҳое, ки қонун мушаххасан дар нисбати онҳо муайян кардааст. Гарчанде, ки онҳо субъекти махсус бошанд ҳам, онҳо дорои ашёҳои молии алоҳида, суроғаи ҳуқуқӣ, суратҳисоби бонкӣ ва ном буда, дар муносибатҳои молумулкӣ аз номи худ баромад намуда, дорои қобилияти ҳуқуқи мурофиавӣ низ мебошанд..

6. Муаллиф объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналиро номбар менамояд, ки ба онҳо хазинаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои коммуналӣ, объектҳои техникию хизматрасонии шаҳру ноҳияҳо, наклиёти коммуналӣ, фонди манзили коммуналӣ ва дигар объектҳо дохил мегардад. Дар ин қисмат муаллиф пешниҳод менамояд, ки объекти моликияти коммуналӣ бояд дар ду маъно фаҳмида шавад: ба маънои васеъ ва маҳдуд. Дар маънои васеяш ҳама гуна молу мулке ки тибқи санади давлатии ҳуқуқ ба моликият ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иртибот доранд, моликияти коммуналӣ мебошанд. Дар маънои маҳдудаш объекти чунин моликият танҳо хазинаи коммуналӣ шуда метавонад.

7. Дар ин қисмат муаллиф маънои васеъ ва маҳдуд дошатни ҳифзи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ пешниҳод намудааст. Дар маънои васеяш мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ масъулияти моликиро бар дӯш гирифта, бе монеагӣ ваколатҳои худро амалӣ менамояд. Дар маънои маҳдудаш ваколатҳои ӯ ҳамчун молик вайрон мешаванд ва барои барқарор намудани ҳуқуқҳои субъективии худ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тарзҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқи маданӣ истифода мебарад.

Бо назардошти ба анҷом расидани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои оиди такмили қонунгузорӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

8. Қисми 1 м. 283 КМ ҶТ дар таҳрири нав баён карда шавад ва ба мафҳуми «моликияти хусусӣ», ба ғайр аз моликияти шахсони хусусии ватанӣ, инчунин моликияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ворид карда шаванд.

9. Дар баробари муқаррар намудани шахсияти давлат ва мақомотҳои он дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, КМ ҶТ ба як иштибоҳи ҷиддӣ роҳ додааст. Дар қ. 1 м. 285 чунин муқаррар шудааст, «Моликияти давлатӣ дар намудҳои моликияти ҷумҳуриявӣ ва моликияти коммуналӣ (моликияти воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва шаҳраку деҳот) вуҷуд дошта метавонанд». Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҳамчун мақомотҳои худидораи маҳаллӣ субъекти ҳуқуқи моликияти коммуналӣ буда наметавонанд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки қ. 1 м. 285 КМ ҶТ дар таҳрири зерин қабул карда шавад:

«1. Моликияти давлатӣ дар намудҳои моликияти ҷумҳуриявӣ ва моликияти коммуналӣ (моликияти мақомотҳои маҳаллии ҳокияти давлатӣ) вуҷуд дошта метавонанд».

10. Чи тавре ки аз қ. 2 м. 10 Кодекси манзил бармеояд, ба фонди манзили давлатӣ фонди манзили ҷумҳуриявӣ, коммуналӣ ва фонди

манзили мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дохил мешавад. Сухан дар бораи манзили истиқоматии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот меравад, ки объекти моликияти давлатӣ нест. Чи тавр чунин объект аз они давлат мегардад? Чунин муносибати қонунгузор ҳуқуқи моликияти Ҷамоати шаҳрак ва деҳотро вайрон мекунад. Фонди манзили он характери иттиҳодиявӣ дошта, заминаи молии фаъолияти аҳолии шаҳрак ва деҳот мебошад.

Ҷамоати шаҳрак ва деҳот субъекти мустақили ҳуқуқи моликият мебошад. Мувофиқи қ. 2 м. 5 Кодекси манзил Ҷамоати шаҳрак ва деҳот иштирокдори мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории фонди манзили истиқоматии худ эътироф гардидааст. Мувофиқи қ. 1 м. 11 ҳамин кодекс баҳисобгирии давлатии фонди манзил аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Ҷамоати шаҳрак ва деҳот бо риояи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ амалӣ карда мешавад. Бинобар ин пешниҳод мекунем, ки қ. 2 м. 10 Кодекси манзили ҶТ дар таҳрири зерин баён карда шавад: «2. Фонди манзили давлатӣ аз фонди манзили ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ иборат аст.».

11. Қарори Девони Вазирони ҶТ «Оид ба тақсимоти моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти ҷумҳуриявӣ, моликияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, моликияти Шуроҳои маҳаллии вакилони халқ (моликияти коммуналӣ)» аз 24-уми июли соли 1992, № 276 ва Низомнома «Дар бораи тартиби гузаронидани объектҳои моликияти давлатӣ ба моликияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва моликияти Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ (моликияти коммуналӣ)», ки бо Қарори Шурои Вазирони ҶТ аз 15–уми ноябри соли 1993, № 573 тасдиқ шудааст, ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17–уми майи соли 2004, № 28 мутобиқ гардонида шаванд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии тадқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Мавзӯи мазкур аҳамияти илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф дар ин самт барои рушди соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд.

Махсусан, муаллиф нуқтаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзуи моликияти коммуналӣ алоқамандии зич доранд мавриди корбарӣ қарор гирад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот дар 1 монография ва 8 мақолаи илмӣ рӯи чоп оварда

шудааст. Аз ин шумора панҷ мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ рӯи чоп омада се мақолаи дигар дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ – амалӣ чоп гардидаанд.

Инчунин, нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва хулосаи диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима ва маъқул дониста шудааст.

Унвонҷу вобаста ба мавзуи интихобнамудааш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмиллалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намуда, инчунин дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии ҶТ фаъолона иштирок намудааст.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия.** Рисолаи мазкур вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва руйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 194 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Боби якум ба масъалаи моҳияти ҳуқуқи моликияти коммуналӣ бахшида шуда аз ду зербоб иборат буда фарогири масъалаҳои зерин мебошад: пайдоиш ва инкишофи моликияти коммуналӣ; мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ. Боби мазкур бештар хусусияти умумӣ дошта, дар он масъалаҳо вобаста ба пайдошт ва инкишофи моликияти коммуналӣ дар таърихи Тоҷикистон, даврабандии он, назарияҳои пайдоиши моликияти коммуналӣ, мафҳум ва моҳият ва хусусиятҳои фарққунандаи падидаи мазкур аз дигар падидаҳои ба он

алоқаманд мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, муаллиф дар ин қисмат мафҳуми моликияти коммуналӣ ва ҳуқуқи моликияти коммуналиро вобаста ба асосҳои гуногун пешниҳод намудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «**татбиқи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ**» аз чор зербоб иборат мебошад. Зербоби аввал ба масъалаҳои «Субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналӣ», зербоби дуюм ба таҳлили «объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ», зербоби сеюм фарогири «мазмуни ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» ва зербоби чорум ба масъалаҳои «Хусусигардонии моликияти коммуналӣ» бахшида шудааст.

Боби мазкур масъалаҳои муҳими муқarrаргардидаро фаро гирифта, дар ин қисмат иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ мушахас гардида, нуқтаҳои баҳсноки адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия – ба масъалаи «**ҳифзи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ**» бахшида шудааст. Дар доираи боби мазкур аз ҷониби муаллиф асоснок карда мешавад, ки ҳифҳи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: ба маънои ҳуқуқи моддӣ ва ба маънои ҳуқуқи мурофиавӣ. Ҳамзамон тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи маданӣ, ки барои ҳифзи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба кор бурда мешаванд таҳлил карда шудааст.

Дар маҷмуъ тартиби дурусти ҷобаҷогузории бобҳо ва пайдарҳамии масъалаҳо дар зербобҳо риоя гардидааст.

Дар хулоса муаллиф тамоми масъалаи таҳқиқшавандаро натиҷагирӣ намуда пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намудааст, ки онҳо аҳамияти муҳими илмию назаривӣ дорад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Умуман, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд баҳо дода, бояд як қатор эродҳо ва

норасогиҳоро қайд намуд:

**1.** Муаллиф дар зербоби 1.1 боби 1 диссертатсия масалаҳои таърихии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар 37 саҳифа баррасӣ намудааст, ки дар назари мо аз ҳад зиёд буда, беҳтар мешуд, ки бар ивази он дар чорчӯбаи ин боб диққати худро бисёртар ба мавқеи ҳуқуқи моликияти комуналӣ дар низоми ҳуқуқи моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мекарданд.

**2.** Дар зербоби 4 боби 2 диссертатсия муаллиф мафҳумҳои «хусусигардонӣ», «ғайридавлатикунӣ» ва «милликунӣ»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, аммо хусуситяҳои фарқунандаро барои натиҷаи таҳқиқот пешкаш накардааст. Дар ин росто, зарур аст, ки фикру андешаи унвонҷӯ дар рафти ҳимояи ошкоро оид ба хусусият фарқунандаи падидаҳои мазкур шунида шавад.

Эродҳо ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозад ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани тадқиқоти илмӣ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.** Рисолаи мазкур аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ ва қонунгузорӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи **Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ»,** ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул

гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ** сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Сидиқов Д.А.

«Имзои Сидиқов Д.А.–ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru

06.06.2023